# ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-076-и назди назди Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
28 майи соли 2026, № 19

**Дар бораи сазовор донистани Тоҷиддини Баҳриддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

**Диссертатсияи** Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5.- Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-076-и назди Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 16 марти соли 2026, суратмаҷлиси № 15 (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2024, № 222/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

**Довталаби** дараҷаи илмӣ Тоҷиддини Баҳриддин 9 декабри соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Тоҷиддини Баҳриддин соли 2008 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз руи ихтисоси “Муносибатҳои байналмилалӣ ва идораи давлат” ва соли 2020 ба шуъбаи таҳсилоти дуюми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2023 аз руйи ихтисоси «Ҳуқуқшинос» хатм намудааст. Тоҷиддини Баҳриддин аз 12.12.2022 ба ҳайси Сардори раёсати кишварҳои хориҷии Муассисаи давлатии “Маркази барномаҳои байналмилалӣ» кор мекунад.

Таҳқиқоти илмиро аз соли 2021 дар шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз руи мавзуи мазкур оғоз намудааст (суратҷаласаи №2 аз 12.03.2021). Баъдан бо фармоиши директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 28 январи соли 2025 ба ҳайси унвонҷуи шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ гардида, аз 2 январи соли 2026 ба Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ интиқол дода шудааст.

Мавзуи диссертатсияи номзадии Тоҷиддини Баҳриддин «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025 тасдиқ шудааст (суратҷаласаи №1 аз 31.01.2025).

Диссертатсия дар шуъбаҳои таърихи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ иҷро шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи шуъбаи ҳуқуқи хусусӣ ва шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2026 (протоколи № 2) муҳокима ва барои ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Одиназода Рамазон Сафар, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, директори Муассисаи давлатии “Маркази барномаҳои байналмилалӣ”.

**Муқарризони расмӣ:**

**-Сангинзода Дониёр Шомаҳмад**, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои кишварҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.

**-Шонасридинов Назридин**, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими пешбари шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ.

**Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** (ш. Душанбе).

Дар тақризи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби эксперти муассисаи пешбар, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирзозода Ш.М., муаллими кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Давлатов Ф.Ш. ва котиби ҷаласа, муаллими кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Рисолати Раҷабалӣ санаи 28 апрели соли 2026 ба имзо расида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ гардидааст, қайд шудааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни

ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Тоҷиддини Баҳриддин оид ба мавзуи диссертатсия 11 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ Тоҷиддини Баҳриддин нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Интишороти унвонҷӯи дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. **Тоҷиддини Б.** Мафҳуми ҳуқуқии идоракунии меҳнат ва низоми он: фаҳмиши классикӣ ва муосири ин ниҳод. [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №3 (55). – С.144-151. ISSN 2305-0535.

[2-М]. **Тоҷиддини Б**. Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ (ташкилот). [Матн] / Одиназода Р.С., Тоҷиддини Б. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №3 (55). – С.139-144. ISSN 2305-0535.

[3-М]. **Тоҷиддини Б.** Моҳияти муносибатҳо од ба идоракунии меҳнат ва намудҳои асосии он. [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №4 (56). – С.130-136. ISSN 2305-0535.

[4-М]. **Тоҷиддини Б.** Низоми миллии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2026. – №1 (57). – С.134 -142. ISSN 2305-0535.

[5-М]. **Тоҷиддини Б.** Ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули идоракунии меҳнат дар марҳилаи тошуравии давлатдории тоҷикон. Ниҳоди идоракунии меҳнати ҳамкасбон. [Матн] / Тоҷиддини Б., Э.Б. Буризода, Р.С. Одиназода // Фуруғи илм. Маҷаллаи байналмилалии илмӣ. – 2025.–№4(08). –С.225-231. ISSN.

[6-М]. **Тоҷиддини Б.** Танзими байналмилалӣ -ҳуқуқии идоракунии меҳнат ва таъсири он ба қонунгузории миллӣ. [Матн] / Тоҷиддини Б. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ: бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. -2025.- №4(20). – С. 161-169. ISSN 2710-4672.

[7-М]. **Тоҷиддини Б.** Ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар идоракунии меҳнат [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2026. – №2 (58). – С. 120 -125. ISSN 2305-0535.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-оммавӣ нашр шудаанд:**

[8-М]. **Тоҷиддини Б.** Ҷанбаҳои ҳуқуқии иштироки иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат. [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии "Хонишҳои академӣ-ҳуқуқӣ", бахшида ба рӯзи "Ваҳдати миллӣ" ва фаъолияти илмии академик Фозил Тоҳиров. – Душанбе: "Дониш", 2024. –С.177-187.

[9-М]. **Тоҷиддини Б.** Нақши стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар идоракунии меҳнат дар шароити муосири рушди муносибатҳои меҳнатӣ. [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маводи семинари байналмилалии илмӣ-назариявӣ "Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи меҳнат дар давлатҳои ИДМ: чолишҳои муосир ва роҳҳои муносибсозӣ". – Душанбе: "Дониш", 2025. - С. 77-83.

10-М]. **Тоҷиддини Б.** Масоили танзими ҳуқуқии иштироки кормандон дар идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маводди VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон (ш.Душанбе, 10 декабри 2025) // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент П.А. Насуриён, д.и.ҳ., дотсент Р.Р. Раҳмадҷонзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С. 394-400.

[11-М]. **Тоҷиддини Б.** Нақши шартномаи коллективӣ ва дигар санадҳои маъмурӣ дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот // [Матн] /Тоҷиддини Б.// Маҷалаи илмии «Бозори меҳнат» - Нашриёти Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ. 2025. №4 (67). - С.61-67.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**- Меликов У.А.,** доктори илмҳои ҳуқуқ, профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**- Султонова Т.И.,** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкории Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия;

- **Нозакзода З.З.,** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**-Абдухоликзода А.,** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд, аз ҷумла: 1) таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат ба таври маҳдуд пешниҳод шудааст; 2) дар автореферат таҳлили амалияи судӣ вобаста ба баҳсҳои меҳнатӣ нисбатан кам инъикос ёфтааст, 3) таҳлили амиқтари вазифаҳои иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои корфармоён ва таъсири воқеии онҳо ба қабули қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи меҳнат ба манфати кор аст; 4) дар таҳқиқот масъалаҳои амалии татбиқи меъёрҳои пешниҳодшуда маҳдуд инъикос ёфтаанд. Ҳолати мазкур аз мубрамияти мавзуи таҳқиқгардидаи диссертатсиониро нишон дода, аз мавқегирии илмии унвонҷӯ дарак медиҳад. Эроду пешниҳодҳои манзуршуда ба мазмун ва моҳияти таҳқиқот таъсири манфӣ нарасонида, танҳо бо мақсади такмили минбаъдаи таҳқиқот ҳамчун тавсия хизмат менамоянд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти банди 62 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 5.5.5.- Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар заминаи таҳқиқоти илмӣ:**

**- таҳия карда шуд:** Аз натиҷаҳои умумии омӯзиши мавзуи мазкур консепсияи илмии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ шудааст.Дар заминаи назарияҳои илмии мавҷуда ва амалияи қонунгузории меҳнат чунин дефинитсияи “идоракунии меҳнат” коркард шудааст, ки ба назари муаллиф мавзуъ ва таркиби субъективии муносибатҳоро дар идоракунии меҳнат пурратар ифода намуда, барои таҳқиқотҳои илмии минбаъда дар ин самт ва истифодаи он дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат муносиб аст: «Идоракунии меҳнат - маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ (давлат, корфармоён, иттифоқҳои касаба ва

ғайра) дар сатҳи мутобиқ барои ба танзим даровардани маҷмуи масъалаҳои меҳнат, аз ҷумла таҳия ва қабули санадҳои хусусияти меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилидошта дар соҳаи меҳнат, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҳифзи меҳнат ва назорати риояи қонунгузории меҳнат амалӣ карда мешавад».

- **муайян карда шуд,** ки дар шароити муосир институти идоракунии меҳнат таҳти таъсири равандҳо ва омилҳои гуногун рушд ёфта истодааст, ки мавзуи танзими минбаъдаи он аз шаклгирии муносибатҳои нави ҳуқуқии ин бахш вобастагӣ дорад. Ба андешаи муаллиф нуктаи назари бартаридошта доир ба идоракунии меҳнат ин зарурати танзими «оқилона» ва мутавозини дар заминаи муколамаи сеҷониба асосёфта мебошад, ки ба таъмини устувори кафолати ҳуқуқҳои асосӣ ва тағйирпазирии он дар сатҳи соҳавӣ ва сатҳи локалӣ (ташкилот) мутобиқ аст. Аммо, тавре таҳқиқот нишон медиҳад дар амалия шиддати мухолифати байни тарафдорони назорати мутамаркази идораи меҳнат ва талаботи чандирии бозор боқӣ мемонад ва механизмҳои мавҷуда бошанд самараи дилхоҳ надоранд. Мушкилоти рақамикунонии меҳнат боиси шадидтар гардидани ин мубоҳисаҳо гардида истодаанд, ки чунин вазъият аз илм ва қонунгузорӣ роҳҳои нав ва ғайристандартии ҳалли онро талаб мекунад.

- **пешниҳод шудааст:** бо назардошти дурнамои рушди танзими ҳуқуқии соҳаи меҳнат лоиҳаи Консепсияи рушди идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат (солҳои 2026 -2036) ва як қатор тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот омода шудаанд, ки барои такмили қонунгузории меҳнат мусоидат мекунанд.

- **исбот шудааст, ки** муносибатҳои меҳнатии идоракунии меҳнат ба муносибатҳои вобастаи меҳнат мансуб буда, онҳо метавонанд қабл аз муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳамчунин дар раванди муносибаҳои меҳнатӣ арзи вуҷуд намоянд. Муносибатҳои идоракунии меҳнат хусусияти ба худ хос дошта, онҳо аз ҳолат ва мақоми ҳуқуқии субъектҳои идоракунии ин низом вобаста аст. Вобаста ба ин, муносибатҳои ин бахш ба гуруҳи муносибатҳои «тобеъиятӣ (амудӣ), гуруҳи муносибатҳои ҳамоҳангсозӣ (уфуқӣ) ва муносибатҳои умумитобеъиятӣ ҷудо карда шудаанд.

- **ҷорӣ намудан:** азбаски дар шароити рақамисозии иқтисодиёт нақши технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии меҳнат меафзояд, танҳо ба шарти мутобиқсозӣ ва ҳамгироии қарорҳои ташкилӣ ва низомҳои муосири иттилоотӣ таъмини рушди ҳосилнокии меҳнат ва устувории идоракунии меҳнат дар ҳама сатҳҳо имконпазир мегардад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аз таҳияи консепсияи муосири илмии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муайянсозии хусусиятҳои нави танзими ҳуқуқии он иборат буда, дар он сохтори муосири идоракунии ҷамъиятии меҳнат ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ ошкор гардида, ҳуқуқҳои субъектҳои идоракунии меҳнат, танзими хуқуқии ҷамъиятӣ ва хусусӣ-хукуқии идоракунии меҳнат муайян шудаанд. Хулосаҳои назариявие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, нуқтаҳои илми хуқуқи меҳнатро пурра ва барои рушди минбаъдаи он мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат ва амалияи татбиқи он, рушди таҳқиқотҳои илмӣ ва имкони истифодаи натиҷаҳои назариявии он дар раванди таълим мебошад. Мазмуни таҳқиқот инчунин барои мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия, шарикони иҷтимоӣ (иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои корфармоён), мутахассисони соҳаи ҳуқуқи меҳнат ва идоракунии кадрхо, ҳуқуқшиносон аҳаммияти калони амалӣ дорад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

**-дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии истифодашуда ва дигар сарчашмаҳои илмӣ, таҷрибаи судӣ ва амалияи идоракунии меҳнат дар сатҳи кишвар ва локалӣ исбот менамояд. Омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои гуногун имкон додааст, ки хулосаҳои муътамади илмӣ ҳосил гардида, муаллиф барои такмил додани қонунгузории амалкунанда дар соҳаи меҳнат як қатор пешниҳодҳо таҳия намояд, ки ҷузъи муҳимтарини онҳо дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд. Дар баробари ин қабули Консепсияи рушди идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат (солҳои 2026 -2036) пешниҳод шудааст, ки натиҷаи таҳлили объективонаи илмии мавзуъ мебошад;

– **баён шудани:** институти идоракуни меҳнат дар қатори дигар инстутҳои ҳуқуқи меҳнат дорои предмети танзимнамоии ба худ хос буда, меъёрҳои он танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи меҳнатро дар ҳама сатҳу зинаҳои он фаро мегирад. Дар таҳқиқот он ҳамчун яке аз институтҳои мураккаби ҳуқуқи меҳнат баррасӣ шуда, сохтор, принсипҳо, усулу воситаҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат, ҳамчунин мақоми ҳуқуқӣ ва маҷмӯи ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои вобаста ба идоракунии меҳнат муайян ва равшан карда шуданд;

– **ошкор гардидани он, ки** бо вуҷуди эътирофи идораи меҳнат ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

соҳаи меҳнат, Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими масъалаҳоеро, ки ба идоракунии меҳнат марбутанд, пешбинӣ намекунад. Гарчанде моддаи 3 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаҳои қонунгузории меҳнат номгузорӣ шудааст, вале мазмуни меъёрҳои он на вазифаҳо балки ҳадафҳои қонунгузориро ифода мекунанд. Бинобар ин, муаллиф зарур аст, ки моддаи мазкури Кодекс такмил дода шуда, дар матни он калимаҳои «танзими муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба идоракунии меҳнат» ҳамчун яке аз вазифаҳои асосии қонунгузории меҳнат илова карда шаванд.

– **омухта шуданд:** шартномаҳои коллективӣ воситаи муҳимми идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ маҳсуб шуда, нақши пуррасозии холигиҳо ва бартарафсозии норасогиҳоро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои идоракунии меҳнат иҷро мекунад. Бо шартномаҳои коллективӣ меъёрҳои иловагии ҳуқуқи меҳнат муқаррар карда мешаванд, ки онҳо илова бар қонунгузорӣ қабул мешаванд ва дар ҳудуди як ташкилоти мушаххас ба доираи муайяни шахсон татбиқ мегарданд. Бинобар ин, ба андешаи муаллиф шартномаҳои коллективӣ хусусият ва аломатҳои санади меъёрии ҳуқуқиро доро буда, риояи меъёри он барои шаҳрвандони дар як ташкилот фаъолиятдошта (корфармоён, намояндагон ва шахсони масъули онҳо, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон,) ва барои давраи муайян ҳатмӣ ва қатъӣ буда, ҳамзамон риоя ва иҷро накардани муқаррароти он боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ: интизомӣ ва моддӣ мегардад.

– **аз нав такмил додани:** хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот дарҷёфта, метавонанд барои такмили минбаъдаи доктринаи ҳуқуқи меҳнат дар робита ба танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Тоҷикистон, рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат ва таъминоти иҷтимоӣ мусоидат намоянд;

– **муайян карда шуданд**, ки санадҳои меъёрии дохилӣ дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот хусусияти ташкилию ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ дошта, нақши татбиқнамоии ҳуқуқҳои меҳнатиро дар амал иҷро менамоянд. Санадҳои меъёрии дохилӣ дар идоракунии меҳнат бештар хусусияти ҳатмӣ дошта бо мақсади иҷрои меъёрҳои қонунгузории меҳнат қабул карда мешаванд. Аксари санадҳои меъёрии дохилӣ бо мақсади иҷрои меъёрҳои қонунгузории меҳнат қабул мешаванд ва қабулашон барои аксарияти корфармоён ҳатмӣ мебошад. Дар баъзе мавридҳо қонунгузорӣ қабули ҳатмии онҳоро ба шарти мавҷудияти ҳолатҳои мушаххас дар ташкилот, вобаста намудааст;

– **офарида шуд**: таҳқиқот маълум намуд, ки корфармо ҳамчун субъекти идоракунии меҳнат дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот нақши асосӣ дошта, аз доираи васеъи ҳуқуқу ваколатҳои идоракунӣ бархурдор аст. Вобаста ба доираи ин ваколатҳо, қонунгузорӣ ба корфармо дар идоракунии меҳнат масъулияту ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла интизомӣ, моддӣ, маъмурӣ ва ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Ин ҷавобгариҳо ба шахсони ваколатдори корфармо дар сурати иҷро накардан ё иҷрои нодурусти вазифаҳои хизматӣ ва ё суистифода аз мақоми хизматӣ, татбиқ мешаванд. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат дар қиёс ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ тибқи шартномаи меҳнатӣ фарқ дорад, зеро ба вуҷуд омадан, амал намудан ва қатъи ин ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат бештар дар заминаи мавҷудияти якчанд далелҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад;

– **муаррифӣ карда шуд, ки** дар илми ҳуқуқшиносии муосир нуқтаи назари ҳамаҷонибаи идоракунии меҳнат ҳамчун низоми бисёрсатҳа ва бисёрсоҳавӣ, ки ба принсипҳои шарикии иҷтимоӣ асос ёфтааст, бартарӣ дорад. Гарчанде ҳуқуқи корфармо дар идоракунии кормандон ҳамчун асос эътироф карда мешавад, аммо он бояд мутлақ ҳисобида нашавад. Мувозинати он маҳз тавассути муқаррарсозии меъёри ҳатмии қонунгузорӣ (давлат); бастани шартномаҳои коллективӣ; иштироки намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои фардии меҳнатӣ имконпазир мебошанд;

– **асоснок шудааст**, ки дар низоми ҳуқуқи меҳнат институти идоракунии меҳнат бо чунин хусусиятҳои танзими ҳуқуқии ба худ хос фарқ мекунад: 1) муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат бо тарзу усулҳои махсус танзим карда мешаванд; 2) идоракунии меҳнат дорои хусусияти танзими ҳуқуқи давлатӣ-хусусӣ аст; 3) дар он танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои иқтисодии идоракунии меҳнат мавқеи асосӣ дорад; 4) дар идоракунии меҳнат усулҳои таъсиррасонии мустақим ба таври васеъ истифода мешаванд (фармонҳо, қарорҳо); 5) низоми субъектҳои идоракунии меҳнат дар сатҳу зинаҳои гуногун амал мекунад, аз ҷумла дар сатҳҳои миллӣ, маҳаллӣ, соҳавӣ ва локалӣ; 6) идоракунии меҳнат хусусияти байнисоҳавӣ дошта, доираи васеъи меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатро дар соҳаҳои гуногуни иқтисод фаро мегирад; 7) чорабиниҳо оид ба идоракунии меҳнат таркиби мураккаби ҳуқуқӣ ва хусусияти доимию мунтазам доранд; 8) низоми идоракунии меҳнат маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии ба худ хос: меъёрҳои моддию мурофиавӣ; меъёрҳои шарикӣ - коллективӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) дорад;

– **истифода шудаанд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории амалкунанда, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, заминаҳои бунёдии ташаккул ва рушд, дурнамо ва афзалиятҳоро дар танзими идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, инчунин маводи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди шаҳри Душанбе, судҳои вилоятӣ ва ноҳиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқотро** навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон медиҳанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 28 майи соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Тоҷиддини Баҳриддин дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2024, № 222/шд. тасдиқ гардидааст, 9 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 9 нафар, аз ҷумла 3 нафар тариқи фосилавӣ овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ - 9 нафар; муқобил – нест; бетараф – нест; бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Раҷабов С.А.**
**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Маҳмадуллозода Н.Р.**

**28 майи соли 2026**